ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Барномаи таълими фанни

# АСОСҲОИ ИҚТИСОДИЁТ

## дар синфи 11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Душанбе
2015

Барнома бо қарори ҷаласаи мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст.

Барномаи таълими фанни асосҳои иқтисодиёт дар синфи 11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе, 2015, 16 саҳ.

**Мураттибон:** *Мирбобоев Раҳматулло*
*Саидмуродова Малика*
*Убайдов Фахриддин*
*Хоркашов Исломбек*
*Фозилхонов Дилшод*
*Имомназаров Музаффар*

# САРСУХАН

Дар баробари инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ, ба вуҷуд омадани тағйироти куллӣ дар ҷаҳони муосир бо мақсади боз ҳам беҳтар гардонидани таълиму тарбияи насли наврас зарурати таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои нави таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба миён омадааст. Дар иртибот бо ин фанни асосҳои иқтисодиёт бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои синфи 11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тавсия шудааст.

Дар шароити муосири иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таълими фанни асосҳои иқтисодиёт дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нақши махсусро касб мекунад, ки он ба ташаккул ёфтани тафаккури иқтисодии хонандагон ва аз тарафи онҳо оқилона истифода карда тавонистани донишҳои иқтисодӣ, ба вуҷуд овардани заминаҳо барои таҳсилоти минбаъдаи касбӣ, фаъолияти амалии ба мақсад мувофиқ ва самаранок нигаронида шудааст.

Азнавсозиҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ аз хонандагон тақозо менамояд, ки дар шароити бо суръати баланд тағйирёфтаистодаи муҳити иқтисодӣ маҳорати мутобиқ шудан ва самаранок фаъолият кардан дошта бошанд.

Дар доираи омӯзиши фанни асосҳои иқтисодиёт ба масъалаҳои ташаккул додани тафаккури иқтисодии хонандагон аҳамияти махсус дода мешавад. Бо дарназардошти ин, таълими фанни мазкур имрӯз қисми таркибӣ ва муҳими таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбад. Робитаи мутақобили фанни асосҳои иқтисодиёт бо математика, технологияи иттилоотӣ, таърих, география ва ҳуқуқ ба хонандагон имконияти фаҳмиши комилан мувофиқро оид ба ҷаҳони муосир фароҳам меоварад.

Барномаи мазкур мазмуни фанни асосҳои иқтисодиётро фаро гирифта, на танҳо оид ба низоми муосири иқтисодӣ, балки дар маҷмӯъ дарёфт кардани

донишҳои умумиро дар бораи рафтору мақсадҳои одамон ва фаъолияти онҳоро дар фирма (корхона)-ҳо барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фароҳам меоварад.

Ин барнома инчунин бо мақсади пайдо кардани тасаввуроти муайян оид ба паҳлуҳои мухталифи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ таҳия шудааст.

## I. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ОМӮЗИШИ ФАННИ АСОСҲОИ ИҚТИСОДИЁТ

Мақсади асосии фанни асосҳои иқтисодиёт аз омӯзонидани донишҳои назариявию амалӣ оид ба ташаккули асосҳои тафаккур ва малакаву рафтори иқтисодӣ, талқини маҳорати қабули қарорҳои мустақилона дар вазъиятҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ, мутобиқнамоии иҷтимоии хонандагон вобаста ба дигаргуниҳои дар ҷумҳурӣ ба миён омадаистода ва ташаккул додани қобилияти онҳо оид ба фаъолият дар соҳаи иқтисодиёт ва соҳибкорӣ иборат мебошад.

Фанни мазкур барои беҳтар сарфаҳм рафтани воқеияти ҳаёти иқтисодӣ, тарбияи фарҳанги иқтисодӣ ва тафаккури шаҳрвандии хонандагон раҳнамое буда, дар инкишофи қобилияти эҷодӣ ба онҳо ёрӣ мерасонад.

Вазифаи ин фан тақвият додани донишҳои иқтисодии хонандагон, ташаккул додани фаҳмиши онҳо оид ба моҳияти равандҳо ва ҳодисаҳои иқтисодӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад.

Дар замони муосир фанни асосҳои иқтисодиёт дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд мавқеи махсусро пайдо намояд. Дар доираи ин фан масоили умумии иқтисодиёти ҷаҳон, замина ва шароитҳои зарурӣ барои рушди босуботи он дар оянда, аз ҷумла дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

Омӯзиши ин фан ташаккули маҷмӯи донишҳоро оид ба принсипҳои фаъолият ва идоракунии иқтисодиёт дар шароити муносибатҳои нави хоҷагидорӣ имконпазир мегардонад.

Дар раванди омӯзиши ин фан хонандагон бо мафҳумҳои базавии илми иқтисодӣ, тарзу воситаҳои идоракунии иқтисодиёт ва асосҳои илми иқтисоди муосир шинос мешаванд.

***Талабот ба дониш, маҳорат ва малакаи хонанда***

Дар ҷараёни омӯзиши фанни мазкур хонандагон бояд мафҳум ва қонунҳои инкишофи иқтисодиёт ва хусусиятҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро дар шароити иқтисоди бозорӣ аз бар намоянд ва дар баробари ин роҳҳои истифодаи амалии донишҳои иқтисодӣ, инчунин имконияти мустақилона муайян намудани мавқеи худро дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ дошта бошанд.

Ҳамчунин, пас аз омӯзиши ин фан хонандагон бояд чунин натиҷаҳоро ба даст оранд:

- донистани низом ва принсипҳои фаъолияти иқтисодӣ, мазмун ва мундариҷаи мафҳумҳо, ба монанди иқтисодиёт: мол, хоҷагии хонагӣ, неъматҳо ва омилҳои истеҳсолот, талабот, пешниҳод, нарх, рақобат, пул, бонк, асъор, намудҳо ва омилҳои рушди иқтисодӣ, масъалаҳои иқтисодии бекорӣ, фирма (корхона) ва мавқеи он дар низоми иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва мақоми он дар иқтисодиёт, самтҳои асосии сиёсати иқтисодии давлат ва вазифаҳои он, усулҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ва ғайра.

- дар амал истифода карда тавонистани донишҳои бадастоварда барои дуруст дарк намудани консепсияҳо ва стратегияи рушди иқтисодӣ, таҳлили роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ дар шароити муосир, мустақилона баён намуда тавонистани

фикру мулоҳизаҳо оид ба масъалаҳои мухталиф дар иқтисодиёти Тоҷикистон, риояи одоби корӣ ҳамчун яке аз унсурҳои бозор дар низоми нави идоракунии иқтисодиёт ва ғайра.

Ин донишҳо имкон медиҳад, ки хонандагон дорои тафаккури муосири иқтисодӣ, шакл ва усулҳои хоҷагидорӣ гардида, малакаи фаъолият карданро дар шароитҳои гуногун пайдо намоянд.

Дар баробари ин азбар кардани донишҳои иқтисодӣ ба рушди маънавии хонандагон низ бетаъсир намемонад.

## II. МЕТОДОЛОГИЯИ ТАЪЛИМИ ФАН

Барои ташкили фаъолияти донишандӯзии хонандагон дар таълими фанни асосҳои иқтисодиёт истифода кардани усулҳо ва шаклҳои гуногуни таълим ба мақсад мувофиқ мебошад. Омӯзгор метавонад вобаста ба таълими ин фан лексия, суҳбат, семинар, дарси амалӣ ва иҷрои кори мустақилонаро роҳандозӣ кунад. Ҳамчунин барои тақвият бахшидани дониши андӯхта ба хонандагон омода кардани маърӯза ва навиштани реферат доир ба мавзӯъҳои алоҳида ба мақсад мувофиқ мебошад.

Иҷрои кори мустақилона барои хонандагон ҳатмӣ мебошад. Кори мустақилона барои боз ҳам мустаҳкам ва азбар намудани маводи иловагии таълимӣ аз тарафи хонандагон зарур дониста мешавад. Барои иҷрои босифат ва саривақтии кори мустақилона омӯзгор метавонад хонандагонро бо баҳои ҳавасмандӣ ва иловагӣ сазовор гардонад.

### Низоми баҳодиҳии дастовардҳои хонандагон

Фаъолияти хонандагон дар дарси асосҳои иқтисодиёт аз нигоҳи технологияҳои муосири таълимӣ бояд баҳогузорӣ шавад. Вазифаҳои хонагӣ бояд хусусияти ташаккул додани қобилияти хонандагонро дошта бошад. Баҳогузорӣ бояд шакли ҳавасмандгардонии донишандӯзӣ

ва худинкишофёбиро дар доираи имконият ва қобилияти хонандагон таъмин карда тавонад.

## III. НОМГӮЙИ МАВЗӮЪҲО

**Мавзӯи 1. Масъалаҳои асосии иқтисодиёт.**

Дарси 1. Иқтисодиёт ҳамчун низоми хоҷагидории ҳаёти ҷамъиятӣ. Неъматҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ. Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат. Омилҳои истеҳсолот ва намудҳои онҳо. Сабабҳои пайдоиши мубодила ва аҳамияти иқтисодии он.

Дарси 2. Маҳдудияти захираҳои иқтисодӣ. Маҳдудияти мутлақ ва нисбии захираҳо. Зарурати интихоб дар истифодаи захираҳои маҳдуд ва нархи онҳо. Моликият: сабабҳои пайдоиш ва шаклҳои асосии он. Даромад ва сарчашмаҳои он. Масъалаҳои асосии ҳаёти иқтисодии ҷамъият.

**Мавзӯи 2. Намудҳои низоми иқтисодӣ.**

Дарси 3. Мафҳуми низомҳои иқтисодӣ ва шаклҳои онҳо. Низоми иқтисодиёти анъанавӣ. Низоми иқтисодиёти бозорӣ ва моликияти хусусӣ ҳамчун асоси он. Рақобат ва нақши иқтисодии он. Моҳияти механизми нархҳои бозорӣ.

Дарси 4. Пайдоиши низоми иқтисодиёти амрӣ: хусусиятҳо, имкониятҳо ва норасоиҳо. Сабабҳои пайдоиш ва хусусиятҳои хоси низоми иқтисодиёти омехта. Нақши давлат ва бозор дар низоми иқтисодиёти омехта.

**Мавзӯи 3. Бозор ва хусусиятҳои он. Унсурҳои асосии бозор.**

Дарси 5. Мафҳуми талабот ва омилҳои муайянкунандаи ҳаҷми он. Мафҳуми таклифот ва омилҳои муайянкунандаи ҳаҷми он. Қонуни талабот ва таклифоти бозор. Чандирии талабот ва таклифот дар бозор .

Дарси 6. Вазъи бозор: камчинӣ, изофагӣ ва мувозинат. Механизми баамалбарории нархи мувозинатӣ дар бозор.

**Мавзӯи 4. Гурӯҳбандии бозор вобаста ба шаклҳои рақобат.**

Дарси 7. Рақобат: мафҳум, моҳият ва шаклҳои он. Рақобати инҳисорӣ, шартҳои пайдоиш ва хусусиятҳои хоси он дар бозор.

**Мавзӯи 5. Пул: таърихи пайдоиш ва вазифаҳои он**

Дарси 8. Сабабҳои пайдоиш ва намудҳои пул. Таърихи пайдоиши пулҳои коғазӣ ва филизӣ (металлӣ). Воситаҳои пулии нақдӣ ва ғайринақдӣ. Моҳияти интишори пул.

Дарси 9. Вазифаҳои пул: ченаки арзиш, воситаи мубодила, воситаи андӯхт (пасандоз), воситаи пардохт. Пулҳои ҷаҳонӣ. Мубодила: сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии он.

**Мавзӯи 6. Бонкҳо: сабабҳои пайдоиш ва нақши онҳо дар иқтисодиёт.**

Дарси 10. Сабабҳои пайдоиши бонкҳо дар ҷамъият. Хизматрасониҳои асосии бонкӣ. Самараи иқтисодии фаъолияти бонкҳо. Шаклҳои асосии бонкҳо.

Дарси 11. Шарт (принсип)-ҳои қарзи бонкӣ. Шаклҳои пасандозҳои бонкӣ. Қобилияти қарздокунии бонкӣ. Гарав ҳамчун усули таъмини баргардонии қарз. Нақши Бонки марказӣ дар танзими низоми пулию қарзии мамлакат.

**Мавзӯи 7. Бозори меҳнат ва хусусиятҳои он.**

Дарси 12. Табиати иқтисодии бозори меҳнат. Омилҳои бавуҷудоварандаи талабот ба меҳнат. Музди

кор. Сабабҳои фарқи дараҷаи пардохти музди кор дар бозори меҳнат. Омилҳои бавуҷудоварандаи талаботу таклифот дар бозори меҳнат.

**Мавзӯи 8. Масъалаҳои иҷтимоии бозори меҳнат.**

Дарси 13. Роҳҳо ва хусусиятҳои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ дар бозори меҳнат. Нақши иттифоқҳои касабаҳо дар ҳалли муносибатҳои иқтисодии байни корманд ва корфармо.

Дарси 14. Музди ҳадди ақал ҳамчун нишондиҳандаи ибтидоии пардохти музди кор. Сохтори низоми пардохти музди кор. Нафақаи меҳнатӣ ҳамчун усули ҳавасмандкунии инкишофи ҳосилнокӣ ва сифати меҳнат.

**Мавзӯи 9. Масъалаҳои иқтисодии бекорӣ.**

Дарси 15. Мафҳуми бекорӣ ва нишондиҳандаҳои асосии он. Тартиби ҳисоб кардани сатҳи бекорӣ. Шаклҳои бекорӣ ва сабабҳои пайдоиши он. Шуғли нопурра ва зуҳуроти мавҷудияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Роҳҳои паст кардани сатҳи бекорӣ.

Дарси 16. Шуғли пурра ва ҳудудҳои он. Мафҳуми дараҷаи бекории табиӣ. Имкониятҳо ва мушкилиҳои паст кардани сатҳи бекорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзӯи 10. Фирма (корхона) ва мавқеи он дар низоми иқтисодӣ.**

Дарси 17. Сабабҳои пайдоиши фирмаҳо. Масъалаҳои иқтисодии фирма. Шаклҳои фирмаҳо аз рӯйи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дарси 18. Захираҳои дохиливу берунӣ ва хароҷоти фирма. Фарқи хароҷоти бухгалтерӣ ва иқтисодии фирма.

Моҳияти фоидаи муқаррарии соҳиби фирма. Шаклҳои хароҷот.

**Мавзӯи 11. Соҳибкорӣ: нақш ва мақоми он дар иқтисодиёт.**

Дарси 19. Соҳибкор ва ташкили тиҷорат (бизнес). Хусусиятҳои фарққунандаи соҳибкор аз менеҷер. Муҳити соҳибкорӣ: шакл ва намудҳои он.

Дарси 20. Моҳияти иқтисодии менеҷмент ва маркетинг. Бизнес-нақша: моҳият ва шаклҳои ташкили он.

**Мавзӯи 12. Даромади оила. Нобаробарии даромад ва оқибатҳои он.**

Дарси 21. Даромад ва хароҷоти оила. Мафҳуми даромад. Сатҳи зиндагӣ. Тағйирёбии сохтори даромади оила. Сохтори хароҷоти оила. Мафҳуми даромади номиналӣ ва ҳақиқӣ.

Дарси 22. Фарқи тақсимоти функсионалӣ ва инфиродӣ (персоналӣ)-и даромадҳо. Даромади миёна. Нақши давлат дар амалигардонии сиёсати даромадҳо. Дараҷаи нобаробарии даромадҳо. Сабабҳои мавҷуд будани нобаробарӣ дар тақсимоти даромадҳо.

Дарси 23. Муаммоҳои камбизоатӣ ва роҳҳои бартараф кардани он. Ҳудуди камбизоатӣ. Муайянкунии намудҳои камбизоатӣ. Сиёсати иҷтимоии давлат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ. Таъсири таваррум ба сатҳи зиндагонии оила.

**Мавзӯи 13. Вазифаҳои иқтисодии давлат.**

Дарси 24. Сабабҳо ва шаклҳои иштироки давлат дар танзими иқтисодӣ. Вазифаҳои иқтисодии давлат дар шароити бозор. Нақш ва мақоми давлат дар танзими иқтисодиёт ва ташаккули даромадҳо. Низоми мақсадҳои сиёсати иқтисодӣ.

**Мавзӯи 14. Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиёт.**

Дарси 25. Мафҳуми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва тамоюлҳои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мафҳуми мувозинати макроиқтисодӣ ва нақши давлат дар таъмини он. Мафҳуми давраҳои иқтисодӣ ва хусусиятҳои онҳо.

Дарси 26. Таваррум ва усулҳои ченкунии он. Намудҳои таваррум. Оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии таваррум. Роҳҳои пешгирии таваррум дар ҷамъият.

**Мавзӯи 15. Молияи давлатӣ.**

Дарси 27. Андоз ҳамчун сарчашмаи даромади давлат. Шаклҳои андоз ва таъсири онҳо ба сатҳи даромадҳои харидорон, фурӯшандагон ва дараҷаи нархҳо. Мафҳуми буҷети давлатӣ ва қисмҳои он.

Дарси 28. Мафҳуми қарзи давлатӣ. Сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои кам кардани қарзи давлатӣ. Қарзи берунии давлат ва таъсири он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ.

**Мавзӯи 16. Рушди иқтисодӣ.**

Дарси 29. Моҳият ва намудҳои рушди иқтисодӣ. Усулҳои ченкунии рушди иқтисодӣ. Сарчашмаҳо ва омилҳои таъминкунандаи рушди иқтисодӣ.

Сармояи инсонӣ ва мақоми он дар таъмини рушди иқтисодӣ.

Дарси 30. Мафҳуми мегаиқтисод. Норасоиҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои муосири тараққиёт. Роҳҳои ҳалли масъалаҳои умумибашарии иқтисодӣ.

**Мавзӯи 17. Савдои байналхалқӣ**

Дарси 31. Сабабҳои иқтисодии пайдоиши савдои байналхалқӣ. Содирот ва воридот. Тақсимоти байналхалқии меҳнат ва савдои ҷаҳонӣ. Таъсири савдои байналхалқӣ ба имкониятҳои истеҳсолӣ ва сатҳи некуаҳволии давлатҳои содиркунанда.

**Мавзӯи 18. Бозори асъор ва қурби асъор**

Дарси 32. Мафҳум ва моҳияти бозори асъор. Қурби асъор ҳамчун нархи воҳиди пули миллӣ. Механизмҳои амалигардонии қурби асъор. Бозори асъор ва намудҳои он. Тағйирёбии қурби асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзӯи 19. Хусусиятҳои инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дарси 33. Давраҳои инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он. Сохтори соҳавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зарурати гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ. Робитаҳои иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муосир.

Дарси 34. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун низоми таркибии хоҷагии ҷаҳонӣ. Нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мамлакатҳои ҷаҳон. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Нақшаи**
**тақсими мавзӯъҳо вобаста ба соати дарсии пешбинишуда**
**барои хонандагони синфи 11**

| Р/т | Номгӯйи мавзӯъҳо | Миқдори соат |
|---|---|---|
| 1. | Масъалаҳои асосии иқтисодиёт | 2 |
| 2. | Намудҳои низоми иқтисодӣ | 2 |
| 3. | Бозор ва хусусиятҳои он. Унсурҳои асосии бозор | 2 |
| 4. | Гурӯҳбандии бозор вобаста ба шаклҳои рақобат. | 1 |
| 5. | Пул: таърихи пайдоиш ва вазифаҳои он | 2 |
| 6. | Бонкҳо: сабабҳои пайдоиш ва нақши онҳо | 2 |
| 7. | Бозори меҳнат ва хусусиятҳои он | 1 |
| 8. | Масъалаҳои ичтимоии бозори меҳнат | 2 |
| 9. | Масъалаҳои иқтисодии бекорӣ | 2 |
| 10. | Фирма (корхона) ва мавқеи он дар низоми иқтисодӣ | 2 |
| 11. | Соҳибкорӣ: нақш ва мақоми он дар иқтисодиёт | 2 |
| 12. | Даромади оила. Нобаробарии даромад ва оқибатҳои он | 3 |
| 13. | Вазифаҳои иқтисодии давлат | 1 |
| 14. | Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиёт | 2 |
| 15. | Молияи давлатӣ | 2 |
| 16. | Рушди иқтисодӣ | 2 |
| 17. | Савдои байналхалқӣ | 1 |
| 18. | Бозори асъор ва қурби асъор | 1 |
| 19. | Хусусиятҳои инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2 |
| Ҳамагӣ | | 34 |

## Рӯйхати адабиёти тавсияшуда


1. Автономов В. С. Введение в экономику. - М.: Вита-пресс, 2008.

2. Автономов В. С. Экономика. Базовый курс. 10-11 классы. - М.: 2010.

3. Введение в рыночную экономику/Под. ред. А.Я Лившица и И.Н.Никулиной. - М.: Высшая школа, 1994

4. Иванов С.И. Основы экономической теории. - М.: Вита-пресс, 2010.

5. Давлатов И., Исоматов Б., Ҳабибов С. Иқтисоди бозоргонӣ. Барои синфи 9. - Душанбе: «Офсет», 2001.

6. Кайзер Ф.Й., Веткина А.В., Курмелева А.С. Экономика: Базовый курс для 10-11 классов общеобразовательных учреждений. - М.: Вита-пресс, 2012.

7. Киреев А. Экономика. Базовый уровень. - М.: 2014.

8. Линьков А. Я. Экономика. Практикум. - М.: Вита-пресс, 2010.

9. Линьков А. Я. Экономика. Учебник. - М.: Вита-пресс, 2010.

10. Липсиц И.В. Экономика. Учебник для 10 - 11 классов общеобразовательных учереждений. - М.: Вита-пресс, 2008.

11. Любимов Л. Л., Ранеева Н. А. Основы экономических знаний. - М.: Вита-пресс, 2009.

12. Равичев С.А., Михеева С.А. Современная экономика. Пособие для старших классов. - М.: Вита-пресс, 2003.

13. Хасбулатов Р. И. Экономика. 11 класс. Базовый и углубленный уровни. - М.: 2013.

14. Хасбулатов Р. И. Экономика. 10 класс. Базовый и углубленный уровни. - М.: 2014.

## Барои қайдҳо

**Муҳаррир:** *Фаридуни Умарбек*

Ба матбаа 10.08.2015 супорида шуд.
Ба чоп 29. 08. 2015 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ 1
Теъдод 4000 нусха.

Барнома дар Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад 13а
Тел.: 227-48-09.E-mail: mmarkaz@list.ru